Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 104 (4687) | ШАНБЕ, 19 АВГУСТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВМКБ

(Идома аз шумораҳои гузашта)

**Нимаи дуюми рӯзи 16-уми августи соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди анҷоми сафари бобарори корӣ дар ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ ва Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба маркази маъмурии вилоят - шаҳри Хоруғ ташриф оварданд.**



Сокинони сарбаланду меҳмоннавози шаҳри Хоруғ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар фурудгоҳи «Боми ҷаҳон» ба таври хос гарму самимӣ ва бо шодию фараҳ истиқбол гирифтанд.

Барои пазироии шоистаи меҳмони олимақом аҳли санъату ҳунари вилоят барномаи рангини фарҳангиро, ки саропо тараннуми сулҳу субот, хизматҳои беназири фарзанди баруманди халқи тоҷикро таҷассум менамуд, дар сатҳи баланди ҳунарӣ таҳия ва пешниҳод намуданд.

Мавриди зикри хос аст, ки ҳар як ташрифи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон пайки шодию нишот ва созандагию ободонӣ мебошад.

**Ҳабдаҳуми августи соли 2023 дар шаҳри Хоруғ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Суман»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, бо рафти истеҳсолот шинос гардиданд.**

Корхонаи мазкур бо истифода аз технологияи муосири соҳавӣ ба истеҳсоли сангҳои сохтмонӣ ва ороишӣ машғул аст. Он имконият дорад, ки дар як рӯз то 80 метри мураббаъ ва дар як моҳ то 2400 метри мураббаъ сангҳои ороишӣ ва дигар масолеҳи сохтмонӣ истеҳсол ва пешниҳоди харидорон намояд.

Дар корхона муосиртарин хатҳои истеҳсолӣ аз ширкатҳои маъруфи Ҷумҳурии Мардумии Чин насб гардидааст. Дар ҳоле ки корҳои ободонию созандагӣ дар мамлакат авҷ мегирад, талабот ба ин номгӯи маҳсулот дар ҳудуди вилоят ва ҳам дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ зиёд аст.

Кӯҳҳои сарбафалаккашидаи Бадахшон манбаи асосии таъмини ашёи хоми корхонаи мазкур буда, мавриди истифода қарор додани он ба рушди истеҳсолот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд.

Дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Суман» коркарди 8 намуди санги «Гранит», 2 намуди санги «Сланес», 2 навъи «Офикалсит» ва 3 намуди санги «Мармар» ба роҳ монда шудааст.

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Суман» аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Эдӣ Фироғатов бунёд шуда, дар он 70 нафар сокини маҳаллӣ, ки нозукии кор бо дастгоҳҳои корхонаро омӯхтаанд, соҳиби ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб гардиданд.

Корхона дар ҳудуди Минтақаи саноатии «Тем» - и шаҳри Хоруғ дар масоҳати 1,5 гектар замин бунёд шудааст. Ифтитоҳи корхона идомаи татбиқи «Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» буда, дар марҳилаи нави рушди шаҳри Хоруғ ба фаъолият оғоз намудани он ба баланд гардидани иқтидори истеҳсолӣ мусоидат намуд.

Ҳамчунин, ба хотири рушд додани истеҳсолот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, дар Минтақаи саноатии «Тем»-и шаҳри Хоруғ аз ҷониби дигар соҳибкорону сармоягузорон бунёди боз 4 корхонаи дигар ба нақша гирифта шудааст.

Маҳсулоти корхона дар дохили биноҳо, зебу оро додани роҳраву кӯча ва девори биноҳо истифода бурда мешавад. Ҳамчунин, корхонаи навтаъсис барои пештоқи тирезаҳо ва болои миз низ аз сангҳои табиӣ бо намои зебо маҳсулот омода менамояд.

Бояд қайд кард, ки то ба фаъолият оғоз намудани корхонаи мазкур ин намуди маҳсулот, асосан аз хориҷи мамлакат ворид мешуд. Акнун масъулони корхона ният доранд, ки на танҳо маҳсулоти ивазкунандаи воридот истеҳсол намоянд, балки дар оянда содироти онро ба хориҷи кишвар низ ба роҳ монанд.

Зимни боздид Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳмгузории чунин соҳибкорони ватандӯсту ободкори маҳаллиро дар рушди истеҳсолот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ намунаи ибрату қобили дастгирӣ хонда, барои равнақ додани фаъолияти корӣ дар оянда ба онҳо дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.

Дар ҳамон ҷо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, аз намоиши маҳсулоти корхонаҳои саноатии вилоят дидан намуданд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар 6 моҳи аввали соли ҷорӣ корхонаҳои саноатии вилоят ба маблағи 75,1 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд. Дар вилоят феълан 88 корхонаи саноатӣ фаъолият дошта, корҳо дар самти таъсиси корхонаҳои саноати нассоҷӣ, металлургияи рангаю сиёҳ, саноати сабук ва хӯрокворӣ, маҳсулоти сохтмонӣ ва мошинсозӣ идома дорад.

Ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки то таҷлили Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят сохтмону ба истифодадиҳии 92 корхонаи дигари саноатӣ бо 1440 ҷойи нави корӣ дар назар дошта шудааст, ки ин нақша низ давра ба давра бо дастгирии Ҳукумати мамлакат амалӣ гашта истодааст. Аллакай дар 6 моҳи аввали соли ҷорӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 6 корхонаи нав ба фаъолият оғоз намуда, ин нишондод то анҷоми соли ҷорӣ ба 29 адад расонида мешавад.

Айни замон дар доираи дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ташкили корхонаҳо бо технологияи муосир, таъсиси паркҳои инноватсионию технологӣ, марказҳои коркарди иттилоот ва ба ин васила, таъсис додани ҷойҳои кории нав ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии дорои арзишҳои баланди иловашуда, дар вилоят чораандешиҳо идома дорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои расидан ба ҳадафҳои дарпешгузошташуда, аз ҷумла зиёд намудани теъдоди корхонаҳои саноатӣ, мавриди коркарди пурра қарор додани ашёи хоми маҳаллӣ ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ба масъулин дастуру супоришҳои махсус доданд.

**17-уми августи соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хоруғ Беморхона-дармонгоҳи Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, бо имкониятҳои хизматрасонии он шинос гардиданд.**

Беморхонаи мазкур дорои 36 ҳуҷра буда, дар он барои муоинаю муолиҷаи беморон шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, 11 ҳуҷраи он бо 21 кати хоб ва бо дастгоҳу лавозимоти соҳавӣ пурра муҷаҳҳаз гардонида шудаанд.

Иттилоъ дода шуд, ки беморхона аз шуъбаи ҷарроҳӣ, бахшҳои терапевтӣ, табобати дандон, асаб, гӯшу гулӯ ва бинӣ иборат буда, муассисаи тиббӣ бо нақлиёти махсуси ёрии таъҷилӣ таъмин мебошад. Ҳамчунин, барои беморон ошхона бо 30 ҷойи нишаст бунёд ёфта, дигар иншооти ёрирасон низ бо сатҳу сифати баланд сохтаю таъмир гардидааст.

(Давомаш дар саҳ. 2)





## МАН БА ҲИССИ БАЛАНДИ МИЛЛӢ, ЭҲСОСИ ГАРМИ ВАТАНДӮСТИЮ ВАТАНПАРАСТӢ ВА САДОҚАТИ МАРДУМИ САРБАЛАНДИ БАДАХШОН ИТМИНОНИ КОМИЛ ДОРАМ

### Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

шаҳри Хоруғ, 18-уми августи соли 2023

**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Мулоқоти имрӯзаи мою шумо – роҳбарону фаъолон ва намояндагони мардуми шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар давраи омодагӣ ба ҷашни муқаддасу бузурги миллӣ – сиюдуюмин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон доир мегардад.

Бинобар ин, бо истифода аз ин фурсати муносиб сокинони сарбаланду меҳмоннавози вилоят ва шумо – ҳозирини муҳтарамро ба ифтихори ин санаи, воқеан, таърихию тақдирсоз самимона табрик мегӯям ва барои пазироии гарму самимӣ изҳори сипос менамоям.

Бо қаноатмандӣ изҳор медорам, ки дар ҷараёни сафари чандрӯзаи корӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бори дигар итминон пайдо намудам, ки ин диёри зебоманзару биҳиштосо бо заҳмати содиқонаи мардум ва дастгирии Ҳукумати мамлакат сол ба сол ободу зебо гардида, ба дарвозаи, воқеан, тиллоии Тоҷикистон табдил ёфта истодааст.

Мо асри XXI-ро маҳз ба ҳамин хотир асри рушду тараққиёти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон эълон намуда, тамоми тадбирҳоро амалӣ карда истодаем.

Қобили зикр аст, ки ба истиқболи Ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят беш аз 1000 иншооту биноҳои нав ба маблағи 1 миллиард сомонӣ ба истифода супорида шуда, ба муносибати Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ бунёду азнавсозии қариб 1200 иншооти дигар ба нақша гирифта шудааст ва то ба имрӯз корҳои сохтмони беш аз 260 иншооту биноҳо ба маблағи зиёда аз 700 миллион сомонӣ ба анҷом расидаанд.

Дар ҷараёни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилоят мо дар маросими ба фаъолият оғоз намудани даҳҳо иншооти таъиноти иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ, тиббӣ, маъмурӣ, коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ, иншооти хизматрасонӣ, инчунин, якчанд иншооти сарҳадӣ ширкат кардем, ки ин ҳама ободиҳо самараи заҳмати ватандӯстонаи мардуми Тоҷикистон, аз ҷумла сокинони сарбаланди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, мебошад.

Яке аз мушкилоти бузурги ҳаёти сокинони вилоят дар даҳсолаҳои гузашта набудани роҳҳои муосиру бехатари мошингард ба ҳисоб мерафт. Барои аз байн бурдани ин мушкилот Ҳукумати мамлакат аз нахустин солҳои соҳибистиқлолӣ бо вуҷуди вазъи душвори иқтисодию молиявӣ тамоми захираю имкониятҳоро сафарбар намуд.

Ду сол қабл, баъди ифтитоҳи қитъаи Шкев – шаҳраки Қалъаи Хумби шоҳроҳи Кӯлоб – Хоруғ – Кулма – сарҳади давлати Чин, ба бунёду азнавсозии қитъаи роҳи Дарвоз то дарвозаи Рӯшон оғози расмӣ бахшида будем. Ин қитъаи роҳ 109 километрро ташкил дода, бо пурра таҷдид гардидани он 17 километр кӯтоҳ мешавад ва дар маҷмӯъ, 92 километр роҳи муосир ва ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалиро ташкил медиҳад.

Маблағи лоиҳа 2,5 миллиард сомонӣ буда, дар ҷараёни татбиқи он беш аз ҳазор нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойи корӣ таъмин гардидаанд. Ин маблағ баробар ба буҷети қариб панҷсолаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад.

Тавре ки мо мушоҳида намудем, роҳ мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ бунёд шуда истодааст ва бо анҷом ёфтани корҳо рафтуомади доимию бехатари сокинон, воситаҳои нақлиёт ва интиқоли молу маҳсулот дар тамоми фаслҳои сол таъмин мегардад.

Бунёди ин роҳ на танҳо барои аҳолии минтақа аҳамияти бузурги иқтисодию иҷтимоӣ дорад, балки дарояндаи наздик ба сифати долони транзитӣ ва иқтисодии Чин - Тоҷикистон - шимоли Афғонистон ва Чин - Тоҷикистон - Ӯзбекистон - Туркманистон - Эрон - Туркия - Аврупо истифода мегардад.

Барои ташаккули ин долони иқтисодӣ Ҳукумати мамлакат тасмим гирифтааст, ки дарояндаи наздик лоиҳаҳои бунёди қитъаҳои роҳи Рӯшон то деҳаи Варшези ноҳияи Шуғнон ба масофаи 235 километр ва аз Варшез то гузаргоҳи Кулма – Қарасуро ба дарозии қариб 300 километр амалӣ карда, гузаргоҳи Кулма - Қарасуро таҷдид намояд. Корҳои лоиҳакашии роҳҳои зикршуда пурра ба анҷом расидаанд ва натиҷаи ташхис, яъне экспертиза, рӯзҳои наздик муайян мегардад.

Албатта, бо ташкили чунин долонҳо боркашонию мусофиркашонии байналмилалӣ зиёд гардида, имкониятҳои транзитию сайёҳии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бамаротиб тақвият меёбад.

Илова бар ин, 18 километр роҳ аз гардиши шоҳроҳи Дарвоз – Ванҷ – Рӯшон то маркази ноҳияи Ванҷ бо супориши Роҳбари давлат аз ҳисоби сарфаи маблағи лоиҳа пурра азнавсозӣ карда мешавад. Аз ин ду километр роҳ дар дохили ноҳия чароғон карда, бо пиёдароҳҳо ва дигар инфрасохтори зарурӣ таъмин мегардад.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар барои мардуми вилоят барои бунёди роҳҳои мошингарди дорои аҳамияти байналмилалӣ 12 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 2,3 миллиард сомонӣ татбиқ гардида, то имрӯз беш аз 200 километр роҳ, 1 нақб ва 25 пул ба истифода дода шудааст.

Ҳоло дар ҳудуди вилоят дар ин самт 5 лоиҳаи дигар ба маблағи беш аз 3,2 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст ва ҳамзамон бо ин, боз ду лоиҳаи сармоягузории давлатӣ барои бунёду таҷдиди роҳҳои мошингард ва пулҳо ба маблағи 2,7 миллиард сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ, дар баробари татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ, маблағгузорӣ барои таъмиру нигоҳдории роҳҳои дохилӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ мунтазам афзоиш ёфта, бо ин мақсад беш аз 300 миллион сомонӣ ҷудо карда шудааст ва 870 километр роҳҳои маҳаллӣ ва 193 пул таъмиру азнавсозӣ гардидааст. Инчунин, дар ин давра барои вилоят 70 техникаи роҳсозӣ харидорӣ карда шудааст.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида имрӯз дар вилоят ҳаҷми боркашонӣ ва мусофиркашонӣ бамаротиб афзоиш ёфтааст. Дар баробари беҳтар гардидани шароити инфрасохтори роҳ ҳоло симои шаҳру ноҳияҳо низ куллан дигаргун шуда, шароити зиндагии мардум хеле беҳтар гардидааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ бо мақсади рушди инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ ва беҳтар гардонидани сатҳи зиндагии мардуми вилоят 33 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи беш аз се миллиард сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло корҳо дар доираи 16 лоиҳа ба маблағи умумии 5,5 миллиард сомонӣ идома доранд. Дар маҷмӯъ, барои таъмин намудани рушди шаҳру ноҳияҳои вилоят тайи даврони соҳибистиқлолӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ беш аз 23 миллиард сомонӣ равона гардидааст.

Дар ин давра танҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии вилоят 5,7 миллиард сомонӣ равона карда шудааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар ҳудуди вилоят аз ҷониби низоми бонкии кишвар 1,8 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст, ки 92 фоизи он қарзҳои хурд мебошанд.

Танҳо дар сеюним соли охир, яъне солҳои 2020 – 2022 ва нимсолаи аввали соли ҷорӣ ҳаҷми қарзҳои ба субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолии вилоят додашуда қариб 500 миллион сомониро ташкил дода, ин нишондиҳанда дар ҳафт моҳи аввали соли 2023 ба 131 миллион сомонӣ расонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 50 фоиз зиёд мебошад.

Маблағгузории соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии вилоят аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо имкон фароҳам овард, ки фаъолнокии иқтисодии мардум афзуда, дар 13 соли охир шумораи субъектҳои хоҷагидор 3 баробар зиёд гардад.

Агар соли 2010 дар вилоят ҳамагӣ 3 ҳазор субъекти хоҷагидор фаъолият дошта бошад, ҳоло шумораи онҳо қариб ба 8400 расидааст.

Барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум ва таъмин намудани ҳадафҳои стратегии кишвар дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 9 барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии маҳаллӣ амалӣ шуда истодаанд, ки дар доираи онҳо татбиқи 808 лоиҳа ба маблағи беш аз 7 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар давраи татбиқи барномаҳои мазкур, яъне солҳои 2021 – 2022 ва 6 моҳи аввали соли ҷорӣ 232 лоиҳа ба маблағи беш аз 2 миллиард сомонӣ амалӣ шудааст.

Ҳамчунин, хотирнишон менамоям, ки тайи даврони соҳибистиқлолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба маблағи умумии 206 миллион сомонӣ 62 бинои нави маъмурӣ барои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои маҳаллии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохтору мақомоти давлатӣ сохта, ба истифода дода шудааст. Дар натиҷа, масалан, маркази ноҳияи Шуғнон, ки як деҳа буд, имрӯз ба як шаҳри замонавӣ табдил ёфтааст.

Тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат имкон доданд, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ сатҳу сифати зиндагии мардум беҳтар гардида, шумораи аҳолии вилоят дар ин давра 35 фоиз афзоиш ёфта, аз 172 ҳазор нафари соли 1991 то ба 232 ҳазор нафар дар соли 2023 расид. Ҳамзамон бо ин, дар бист соли охир дар вилоят даромади пулии аҳолӣ 163 баробар афзоиш ёфта, сатҳи камбизоатӣ аз 97 фоиз то 29 фоиз паст гардидааст, ки аз ҷумлаи муҳимтарин дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад.

Аз баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолии вилоят дар замони соҳибистиқлолӣ, инчунин, нишондиҳандаи пасандозҳои аҳолӣ низ шаҳодат медиҳад:

– агар соли 2000-ум ҳаҷми пасандозҳои аҳолии вилоят дар низоми бонкӣ ҳамагӣ 2 миллион сомониро ташкил карда бошад, пас соли 2023 ба 383 миллион сомонӣ расидааст, яъне 172 баробар афзоиш ёфтааст.

Ман дар сафарҳои худ ба шаҳру ноҳияҳои мамлакат ҳамеша таъкид менамоям, ки вазъи ҷаҳони имрӯза, бархӯрдҳои шадиди сиёсию низомӣ дар баъзе кишварҳо ва минтақаҳои дунё, тағйирёбии иқлим ва пайомадҳои вазнини он моро водор месозанд, ки ба хотири татбиқи пурраи ҳадафҳои стратегӣ ва «Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат оид ба пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ» беш аз ҳар вақти дигар кӯшиш ва амал намоем.

Мо таъсири манфии тағйирёбии иқлимро махсусан дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки минтақаи нисбатан баландкӯҳи кишвар ба шумор меравад, мушоҳида ва эҳсос мекунем.

Танҳо дар зарфи 6 моҳи аввали соли ҷорӣ дар вилоят 20 ҳодисаи сар задани офати табиӣ ба қайд гирифта шуд, ки дар натиҷа 18 нафар ба ҳалокат расида, ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии вилоят қариб 19 миллион сомонӣ хисорот ворид гардид. Умуман, дар 25 соли охир дар ҳудуди вилоят 314 ҳолати фавқулодаи табиӣ ба амал омадааст, ки дар натиҷаи он 63 нафар шаҳрвандон ба ҳалокат расидаанд.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВМКБ



(Идома аз саҳ. 1)

Беморхона дар баробари расонидани кумаки тиббӣ ба кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, ҳамчунин, ба кормандони дигар бахшу сохторҳои қудратӣ ҳам хизмат хоҳад расонид. Сокинони кӯчаҳои гирду атроф низ метавонанд барои машварату муоина ва муолиҷа ба ин муассиса муроҷиат намоянд.

Утоқҳои корӣ ва муолиҷавии иншооти мазкур бо таҷҳизоти зарурии соҳавӣ, аз қабили дастгоҳҳои рақамии ташхис, ташхиси ултрасадо, сабти барқии дил, кардиомонитор, оксигенератор ва дигар лавозимоти корӣ, таъмин мебошад.

Барои расонидани хизматрасонии босифати тиббӣ ба беморон 27 нафар мутахассиси соҳибмалака ба кор ҷалб карда шудаанд.

Корҳои сохтмонӣ дар иншооти мазкур моҳи майи соли 2022 оғоз гардида, он дар муҳлати кӯтоҳ аз ҷониби Раёсати сохтмони асосии Вазорати корҳои дохилӣ бо сатҳу сифати баланд анҷом дода шуд.

Беморхона аз 4 ошёна ва таҳхона иборат буда, намои берунаи он ба таври махсус рангу оро ёфтааст. Тадбирҳои сабзкорӣ низ дар гирду атрофи иншооти мазкур бо завқу салиқаи баланд анҷом дода шуд.

Зимни боздид Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулинро вазифадор намуданд, ки барои муолиҷаю табобати беморон хизматрасонии босифатро ба роҳ монда, имкониятҳои фароҳамовардашударо барои таъмини солимии ҷомеа самаранок истифода баранд.

**17-уми августи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хоруғ ба фаъолияти корхонаи истеҳсоли пойафзоли Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сандал» оғоз бахшиданд.**

Корхонаи пойафзолбарорӣ аз тарафи соҳибкори ҷавон Аъзамҷон Аҳруллоев бахшида ба таҷлили Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ сохта шуда, таҳти унвони «ЯК» маҳсулот истеҳсол мекунад.

Корҳои бунёдӣ ва васлу насби техникаю таҷҳизоти кории иншооти мазкур соли 2022 шурӯъ гардида, он дар маркази шаҳри Хоруғ дар масоҳати 576 метри мураббаъ доман густурдааст. Пудратчии иншоот Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Амал» мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз шароити корӣ ва раванди истеҳсолот дар коргоҳ, ба сифати маҳсулоти истеҳсолгардида баҳои баланд дода, ба фаъолият пардохтани корхонаи пойафзолбарориро дар минтақаҳои дурдасти кишвар заминаи хуби татбиқи панҷсолаи рушди соҳаи саноат арзёбӣ карданд.

Таъкид гардид, ки корхонаи истеҳсоли пойафзоли ҶДММ «Сандал» дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ягона буда, бо истеҳсоли маҳсулоти хушсифат дар шаҳру ноҳияҳои кишвар харидорони худро дорад. Ҳоло маҳсулоти тайёри он ба бозорҳои шаҳри Душанбе ва вилоятҳои Суғду Хатлон содирот гардида, ивазкунандаи воридот мебошад.

Қобил ба зикр аст, ки тамоми таҷҳизоти коргоҳ муосир буда, аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ворид гардидааст. Технологияи коргоҳ аз нигоҳи хароҷот каммасраф аст ва кори 2-3-соатаи дастиро дар 40 сония анҷом медиҳад. 50 фоизи кор автоматӣ иҷро мегардад. Барои иҷрои корҳои дастӣ дар марҳилаи аввал 20 нафар ба кор ҷалб шудаанд ва дар сурати пурра ба фаъолият пардохтани он то 35 нафар соҳиби ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб мегарданд. Кормандон низ аз ҳисоби сокинони бешуғли шаҳри Хоруғ ҷалб шуда, пеш аз ба фаъолият шурӯъ намудан, аз курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ гузаронида мешаванд.

Бо инобати осон будани раванди кор ва мувофиқ будан ба шуғли занон, аксари кормандони сехи мазкурро бонувон ташкил менамоянд, ки ҳар кадом таҷрибаи хуби чеварӣ доранд.

Ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки барои истеҳсоли босифати пойафзоли «ЯК» ашёи хом аз Туркия ворид гардида, иқтидори истеҳсолии коргоҳ дар як сол аз 15 то 20 ҳазор ҷуфт пойафзолро ташкил медиҳад ва бо зиёд гардидани талабот имкони афзун намудани иқтидори истеҳсолӣ мавҷуд аст. «Сандал» дар шаҳри Хоруғ ягона корхонаи истеҳсоли пойафзол мебошад, ки бо дизайну махсусиятҳои хоса ба фаъолият пардохтааст. Дар он ҷо, пеш аз ҳама, ба сифати коркарди ашёи хом таваҷҷуҳ зоҳир мегардад ва маҳсулоти истеҳсолшаванда аз ташхис гузаронида шуда, сипас ба фурӯш бароварда мешавад. Барои муътадил нигоҳ доштани ҳарорати ҳаво дар фасли сармо тамоми ҳуҷраҳои корию истеҳсолӣ бо печҳои ангиштӣ таъминанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз намоиши маҳсулоти истеҳсолии коргоҳ, аз дастгирӣ ёфтани сиёсати бунёдкоронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти саноатикунонии босуръати кишвар аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Сарвари давлат дастур доданд, ки минбаъд низ ба сифати истеҳсолот таваҷҷуҳи амиқ зоҳир карда, бо зиёд намудани ҳаҷми он дар таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти ивазкунандаи воридот саҳми муносиби худро гузоранд.

Кормандони корхонаи истеҳсоли пойафзоли ҶДММ «Сандал» ба Сарвари давлат ҷиҳати фароҳамсозии шароиту имкониятҳои арзандаи кору фаъолият ва таваҷҷуҳи хосаашон ба мардуми кӯҳистон изҳори миннатдорӣ намуда, ваъда доданд, ки минбаъд низ дар татбиқи ҳадафҳои Ҳукумати кишвар дар самти беҳтарсозии некуаҳволии мардум талош меварзанд ва барои ободии сарзамини аҷдодӣ саҳми муносиби худро мегузоранд.

**17 - уми августи соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хоруғ коргоҳи истеҳсоли мебелро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, аз намоиши маҳсулоти корхона дидан намуданд.**



Иншооти мазкур ба муносибати Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар масоҳати умумии 500 метри мураббаъ бо назардошти талаботи замони муосир, бунёд шудааст.

Корҳои сохтмонӣ дар ин иншоот соли 2020 оғоз гардида, васлу насби техникаи корӣ ва муҷаҳҳазсозии бино соли 2022 анҷом ёфтааст.

Самти асосии фаъолияти корхона истеҳсоли мебел буда, тибқи фармоиш маҳсулот мебарорад. Бо бунёди коргоҳи нав 10 нафар бо кори доимӣ таъмин гардиданд ва маоши миёнаи кормандон вобаста ба ҳаҷми кор аз 1500 то 3000 сомониро дар бар мегирад.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки талабот ба чунин коргоҳҳо дар шароити кӯҳистон хеле зиёд буда, ҳоло маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхона дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон харидорони худро дорад.

Иқтидори солонаи коргоҳ истеҳсоли зиёда аз 4 ҳазор мебели хушсифат буда, дар оянда бо роҳандозии ҳамкориҳои дуҷониба бо корхонаю муассисаҳои давлатӣ ҳаҷми истеҳсолот зиёд карда мешавад.

Таҷҳизоти коргоҳ замонавӣ буда, аз лиҳози сарфаи неруи барқ каммасраф ва бехатаранд.

Ба иттилои масъулин, барои истеҳсоли мебел ашёи хом аз Туркия ва Федератсияи Россия ворид мегардад. Тарҳ ва дизайни мебел мувофиқ ба талаботи замон таҳия гардида, ба сифати кор низ таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Яке аз бартариятҳои маҳсулоти корхонаи мазкур агар сифати хуб бошад, аз тарафи дигар, мувофиқи табъ ва фармоиши корфармо омода кардани мебел кафолати рушди минбаъдаи корхона дониста мешавад.

Корхона беш аз 20 навъи мебел, аз ҷумла мебелҳо барои хона, ҳуҷраҳои корӣ, мизу курсӣ барои муассисаҳои таълимӣ, рахти хоб барои марказҳои саломатӣ, омода менамояд, ки нархҳои дастрас доранд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз ин коргоҳ ба ташаббускорон изҳори миннатдорӣ намуда, ба фаъолият шурӯъ намудани онро дар маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - шаҳри Хоруғ қадами муҳим дар самти рушди саноат дар ин минтақаи дурдаст номиданд.

Бунёди чунин корхонаҳои замонавӣ, пеш аз ҳама, барои таъмини аҳолӣ бо кори доимӣ замина гузошта, ба боз ҳам беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум мусоидати фаъол менамояд.

Зимни суҳбати самимӣ коргарони коргоҳи мазкур аз ташаббусҳои созандаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти рушду пешрафти кишвар изҳори сипос намуда, уҳдадор шуданд, ки дар рушду шукуфоии Тоҷикистони азиз саҳми муносиб мегузоранд.

**17 - уми августи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хоруғи ВМКБ бинои истиқоматии 12-ошёнаро дар хиёбони ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур мавриди истифода қарор доданд.**

Ба хотири истиқбол аз Пешвои созандаву бунёдкори миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шумораи зиёди сокинони шукргузори вилоят меҳмони воломақомро гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Бинои баландошёнаи истиқоматӣ дар асоси дастуру супоришҳои Сарвари давлат бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва оилаҳои аз офати табиӣ зарардидаи шаҳри Хоруғ бо манзили хизматӣ дар маркази вилоят бунёд гардид.

Ёдовар мешавем, ки хишти нахустин барои сохтмони бинои баландошёнаи истиқоматӣ соли 2016-ум аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузошта шуда буд.

Иншоот аз ду бинои асосии 12-ошёна ва аз 66 манзили дуҳуҷрагӣ ва 22 хонаи якҳуҷрагӣ иборат мебошад. Дар манзилҳои истиқоматӣ мутобиқ ба талаботи замон барои зисту зиндагии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шароити сатҳи баланд фароҳам оварда шудааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз дохили хуҷраҳои истиқоматӣ дидан намуда, ба сохтмончиён барои бо сифати баланд бунёд кардани хонаҳо баҳои баланд доданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон афсарони толеъбаландро, ки имрӯз соҳиби хонаҳои барҳаво гаштанд, барои хизмати содиқонаю софдилона ба нафъи давлату миллат ҳидоят карданд.

Бояд гуфт, ки ин хонаҳои истиқоматӣ туҳфаи беназири Пешвои миллат барои кормандони низомӣ ба ҳисоб меравад.

Хизматчиёни ҳарбӣ - соҳибони манзилҳои истиқоматӣ, ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дастгирию ғамхории пайваста изҳори сипос намуданд.

Дар заминаи иқдомҳои хайрхоҳонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин рӯз дар баробари оилаҳои хизматчиёни ҳарбӣ, ҳамчунин 12 оилаи зарардидаи шаҳри Хоруғ, ки хонаҳои истиқоматиашон дар фасли зимистон дар натиҷаи тармафаромӣ пурра хароб гардида буд, соҳиби хонаҳои наву замонавӣ шуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳар як оилаи зарардида калиди хонаҳои нави истиқоматиро тақдим намуданд. Сарвари давлат таъкид доштанд, ки бо шарофати истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қодир аст то дар ҳолатҳои фавқулода ва табииву техногенӣ аҳолии кишварро таҳти ҳимоя ва ғамхории ҳамаҷонибаи худ қарор диҳад.

Ҳар як оилаи зарардидаи шаҳри Хоруғ аз ғамхориҳои падаронаи Президенти мамлакат дар он рӯзҳои вазнин ёдовар шуда, барои дастгирию пуштибониҳо миннатдории самимии хешро баён намуданд.

Паймонкори асосии бунёди иншоот Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Бунёд» мебошад, ки дар муҳлати муайяншуда, сохтмони бинои истиқоматиро ҷавобгӯ ба талаботи шаҳрсозию меъморӣ ба анҷом расонид. Дар раванди корҳои сохтмонӣ 4 ширкати маҳаллӣ, аз қабили ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуди «М-сервис», «Амир Амза», «Ҷовид» ва «Ватан» саҳми арзанда гузошта, беш аз 150 нафар сокини маҳаллӣ ба кор ҷалб гардиданд.

Дар баробари хонаҳои истиқоматӣ, ҳамчунин, дар ошёнаи якуми бино коргоҳи истеҳсолии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Босифат-2018» ва маркази хизматрасонӣ ҷойгир карда шудааст.

Дар ошёнаи якум маркази савдои муосир ташкил гардид, ки барои таъмини истиқоматкунандагон бо маводи ниёзи аввалия ва дигар молҳои рӯзгор ташкил гардидааст. Ҳудуди бинои истиқоматӣ ва пиёдароҳҳо бо истифода аз сангҳои ороишии ҶДММ «Суман»-и шаҳри Хоруғ зинат дода шуда, ба хотири сайру саёҳати шомгоҳии сокинон 10 сутуни равшанидиҳанда шинонида шудааст.

**17 - уми августи соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи Хоруғи Боло бинои дуюми Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 8-ро ифтитоҳ намуданд.**

Ин иншоот туҳфаи арзандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони шаҳри Хоруғ дар арафаи соли нави хониш мебошад. Тибқи лоиҳа, муассисаи таълимӣ аз се бино иборат буда, барои 640 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Бинои якуми мактаб 21-уми августи соли 2020 аз ҷониби Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ ёфта буд.

Акнун дар арафаи 32-юмин солгарди Истиқлолияти давлатӣ бинои дуюми он чун армуғони идона ба сокинони шаҳри Хоруғ эҳдо гардид. Бинои сеюми муассисаи таълимӣ дар арафаи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода мешавад.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки муассисаи таълимӣ пурра бо аёнияти дарсӣ ва технологияи муосири дарсӣ таъмин карда шудааст.

Дар бинои дуюми Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 8-ум 12 синфхона ва 9 ҳуҷраи методӣ-фаннӣ, инчунин ду толори омӯзиши мусиқӣ, як толори омӯзиши рассомию кандакорӣ ва як синфи фанни информатика, ҳуҷраҳои бойгонӣ ва ҳамшираи шафқат сохта шудааст.

Дар маҷмӯъ, ду бинои ин муассисаи таълимии муосир дорои 32 синфхона ва 13 ҳуҷраи гуногун барои омӯзиши ҳунарҳо ва компютер мебошад. Дар ин муассисаи таълимӣ 55 компютер мавҷуд мебошад, ки барои омӯзиши ҳамаҷонибаи хонандагон басанда аст. Дар муассисаи муосири таълимӣ 29 омӯзгор ба таълиму тарбияи 345 хонанда машғул мебошанд.

Бояд зикр намуд, ки бинои куҳнаи мактаб дар шаҳри Хоруғ соли 1958 бунёд шудааст. Бо гузашти солҳо иншоот фарсудаю таъмирталаб гардида, шароиту имконияти илмомӯзӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ набуд. Вобаста ба ин, бо дастури бевоситаи Пешвои миллат дар заминаи мактаби пешина бунёди муассисаи таълимии нав ба нақша гирифта шуд. Дар давоми чор соли охир дар ҷойи бинои куҳна барои омӯзгорону толибилмон беҳтарин ва муосиртарин шароити кор ва илмомӯзӣ фароҳам оварда шуд.

Дар фасли зимистон биноҳои муассиса бо гармӣ таъмин мебошанд.

Фармоишгари иншоот Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, корҳои сохтмониро Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Шариф Ш.С.» ба анҷом расониданд. Дар рафти корҳои сохтмонӣ зиёда аз 200 нафар сокини маҳаллӣ бо кор ва маоши хуб таъмин карда шуданд.



Намои берунии муассисаи таълимӣ бисёр зебо мебошад. Он бо тарҳи меъмории тоҷикона ва аврупоӣ сохта шуда, дар ороиши намои берунии он сангҳои маҳаллӣ истифода гардидааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, ба коргарону сохтмончиён барои анҷоми муваффақонаи кор дар муҳлати муайяншуда изҳори сипос намуданд.

Зимни шиносоӣ бо шароити Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 8 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон толибилмонро ба истифодаи босамари имкониятҳои фароҳамовардашуда ва омӯзиши амиқи илму донишҳои замонавӣ ҳидоят карданд.

Ҳайати омӯзгорону хонандагон барои фароҳам овардани чунин шароити созгори таълимӣ ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори сипос намуданд.

Мавриди зикр аст, ки хонандагони ин муассиса аз фанҳои дақиқ дар озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардидаанд. Толибилмону омӯзгорон ҳамаи комёбиҳои худро аз ғамхориҳои доимии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон медонанд.

Баъди ифтитоҳи бинои нави мактаб дар ҳамон ҷо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо тарҳи бунёди ду муассисаи таълимии дигар ва Беморхонаи марказии шаҳр шинос гардиданд.

Зимни муаррифӣ иттилоъ дода шуд, ки Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 4 барои 240 хонанда пешбинӣ гардидааст. Ин муассиса дар заминаи бинои мактаби куҳна,



ки соли 1938 ба тариқи ҳашар сохта шуда буд, бунёд мегардад. Мактаби имрӯза, воқеъ дар маҳаллаи Ниводаки шаҳри Хоруғ аз 8 синфхона ва ду ҳуҷраи иловагӣ иборат мебошад. Бунёди муассисаи нави таълимӣ имконият фароҳам меорад, ки кӯдакону наврасони маҳаллаи Баракат ва деҳоти ба шаҳри Хоруғ наздики ноҳияи Шуғнон дар он ба таълиму тарбия фаро гирифта шаванд.

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 6 барои 430 хонанда пешбинӣ гардидааст. Ин муассисаи таълимӣ низ дар заминаи мактаби куҳнаи маҳаллаи Носири Хусрави шаҳри Хоруғ, ки соли 1928 ба тариқи ҳашар бунёд ёфтааст, сохта мешавад.

Дар ҳамон ҷо Пешвои миллат, ҳамчунин, бо лоиҳаи бунёди Беморхонаи марказии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар шаҳри Хоруғ шинос шуданд.

Тибқи лоиҳа, беморхона аз 6 ошёна иборат буда, он бо назардошти талаботи муосири соҳавӣ бунёд хоҳад ёфт. Дар баробари сохтмони бинои асосӣ, ҳамчунин, бунёди иншооти ёрирасон, аз ҷумла дегхона, анбори сӯзишворӣ ва зеристгоҳи барқӣ, дар назар дошта шудааст. Беморхонаи мазкур барои 200 кат пешбинӣ гардида, дар он барои муоинаю муолиҷаи беморон шароити зарурӣ фароҳам оварда мешавад.

Сарвари давлат ба масъулони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҳамчунин, ба ташкилоту идораҳои сохтмонӣ дастур доданд, ки иншоот дар муҳлати муайяншуда ва бо сифати баланд сохта, мавриди истифодаи мардум қарор дода шавад.

**17 – уми августи соли равон дар доираи сафари корӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хоруғ Корхонаи истеҳсоли тарҳҳо (конструксияҳо)-и металлиро ифтитоҳ намуданд.**

Корхона аз ҷониби роҳбари Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Помир-энергосервис» Абдулатиф Амонуллоев бунёд гардида, дар сохтмони хатҳои интиқоли баландшиддати неруи барқ дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон фаъолияти назаррас дорад.

Дар корхона 30 нафар сокини шаҳри Хоруғ бо ҷойи кор ва маоши аз 2,5 то 3 ҳазор сомонӣ таъмин шуданд, мутахассисони кафшергар ва муҳандисони соҳибкасб ба кор ҷалб гардидаанд, ки дилхоҳ фармоиши мизоҷонро метавонанд дар фурсати кӯтоҳ ва бо сифати баланд омода созанд.

Дар корхона 65 нафар сокини шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо кор таъмин мебошанд. Корхона дар асоси нақшаи чорабиниҳо бахшида ба Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд шуд.

Зимни шиносоӣ ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки дар корхона чор таҷҳизоти калонҳаҷми худкор ва шаш дастгоҳи хурди истеҳсолӣ аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ворид ва васлу насб шудааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои бунёди корхонаи истеҳсолӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба соҳибкори ватанӣ баҳои баланд доданд.

Дар Корхонаи истеҳсоли тарҳҳо (конструксияҳо)-и металлӣ истеҳсоли куттиҳои барқӣ, дарвозаҳои оҳанин, асбобҳои рӯзгор, сутунпояҳои чароғҳои равшанидиҳанда, таҷҳизот барои сутунпояҳои хатҳои интиқоли баландшиддати барқ ва садҳо номгӯйи таҷҳизоти зарурӣ, ки аз тахтаҳои оҳанин фармоиш дода мешавад, истеҳсол мегардад.

Корхона дар шафати роҳи автомобилгарди сатҳи байналмилалии «Хоруғ-Мурғоб-Қулма» қомат афрохтааст, ки яке аз иншооти саноатии шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба ҳисоб меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул кард, ки он барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он дар бозори ҷаҳонӣ заминаи мусоид мегузорад.

Дар заминаи эълон гардидани солҳои 2022-2026 ҳамчун «Солҳои рушди саноат» бунёди 92 корхона дар ҳудуди вилоят ба нақша гирифта шуда, танҳо дар соли равон 20 коргоҳу корхонаи саноатӣ ба истифода дода мешаванд.

Танҳо дар шаҳри Хоруғ дар соли 2022-юм 11 коргоҳ ва корхонаи нави саноатӣ сохта, мавриди истифода қарор гирифт.

Дар доираи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси нақшаи Ҳукумати мамлакат сохтмону барқарорсозии 22 корхонаю коргоҳи саноатӣ дар шаҳри Хоруғ ба нақша гирифта шуда, то ба имрӯз 10 корхонаи нави саноатӣ дар маркази вилоят бунёд шуд.

**17 – уми августи соли ҷорӣ дар шаҳри Хоруғ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо 100 нафар кӯдакону наврасони ятиму дорои имкониятašон маҳдуди ҷисмонӣ аз шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мулоқот карда, ба онҳо туҳфаҳо тақдим намуданд.**

Бо таваҷҷуҳу дастгириҳои Ҳукумати мамлакат тавассути бунёду навсозии иншооти соҳа ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои таҳсилу омӯзиши ин қишри ояндасози ҷомеа имконияти мусоид фароҳам оварда шудааст. Бо истифода аз ҳамин шароит наврасон дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия карда мешаванд.

Қобили зикр аст, ки чун анъана Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки хеле ятимпарвар ҳастанд, зимни ҳар як сафари кориашон ба шаҳру ноҳияҳои мамлакат аз ҳолу аҳволи ятимону ниёзмандон бохабар гардида, нисбат ба ин қишри ҷомеа ғамхорӣ зоҳир менамоянд.

Дар мулоқоти имрӯза ба ятимон дар доираи сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идомаи ғамхориҳо аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баробари оростани дастархони пурнозу неъмат ба наврасону ҷавонон, ки бо амри тақдир аз навозиши волидон маҳрум мондаанд, маҷмӯи сару либос, кумаки молиявӣ ва шириниҳо тақдим карда шуд.

Чунин муносибати неки Сарвари давлат нисбат ба кӯдакони ятим хушҳолию фараҳмандии онҳоро афзун менамояд. Ятимону кӯдакони дорои имкониятašон маҳдуд бо шодию нишот аз дасти Роҳбари инсондӯсту раъиятпарвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон туҳфаҳои арзишманд гирифтанд.

Ҳангоми тақдими туҳфаҳо гуфта шуд, ки ғамхорӣ нисбат ба ятимону бепарасторон ва фарзандон аз оилаҳои ниёзманд дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи махсус дошта, барои беҳтар намудани шароити таҳсил ва зиндагии онҳо пайваста тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Ба ин матлаб кӯдакону наврасон худро ҳаргиз бесаробон эҳсос накарда, бо шукргузорӣ аз фазои сулҳу суботи мамлакат илму ҳунар омӯхта, дар шукуфоии аз ин beштари Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми босазо мегузоранд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кӯдакону наврасони ноҳияҳои вилоят суҳбати самимӣ ороста, онҳоро барои таҳсили хубу аъло, андӯхтани дониши замонавию касбу ҳунар ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ ҳидоят намуданд.

Таъкид гардид, ки Ҳукумати мамлакат ҳамеша ба қишрҳои ниёзманди ҷомеа, бахусус ятимону ниёзмандон, таваҷҷуҳи ҳамаҷониба равона месозад.

Дар ҷавоб ба ҳамаи ғамхориҳои давлату Ҳукумат наврасону ҷавононро зарур аст, ки илм омӯзанд, донишҳои замони муосирро аз худ карда, дар оянда ҳамчун фарзанди содиқи Ватан ба халқу миллат хизмати шоиста намоянд.

**18-уми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хоруғ бо роҳбарону фаъолон ва намояндагони мардуми шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мулоқоти самимӣ доир карданд.**

Пас аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намояндагони касбу кори гуногун, аз ҷумла собиқадорону ҷавонон – сардухтури Беморхонаи саратоншиносии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Ҷамила Худоёрова, директори Муассисаи давлатии «Маркази тайёрии олимпии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» Мулкамон Холдоров ва хонандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 22-и ноҳияи Шуғнон, ғолиби озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» Сафина Имматшоева бо шукргузорӣ аз даврони соҳибистиқлолӣ ва ғамхории ҳамешагии роҳбарияти давлату Ҳукумати кишвар баромад карданд.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Ҳукумати кишвар раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Мирзонабот Алишер ва дигар роҳбарони шаҳру ноҳияҳои вилоят ҳисобот доданд.

www.prezident.tj

# МАН БА ҲИССИ БАЛАНДИ МИЛЛӢ, ЭҲСОСИ ГАРМИ ВАТАНДӮСТИЮ ВАТАНПАРАСТӢ ВА САДОҚАТИ МАРДУМИ САРБАЛАНДИ БАДАХШОН ИТМИНОНИ КОМИЛ ДОРАМ

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

шаҳри Хоруғ, 18-уми августи соли 2023

(Идома аз саҳ. 1)

Зарари моддии дар ин давра дар натиҷаи офатҳои табиӣ ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии вилоят воридшуда қариб 300 миллион сомониро ташкил додааст, ки маблағи кам нест. Охирҳои моҳи июни соли равон дар деҳаи Миденведи ноҳияи Роштқалъа дар натиҷаи фаромадани сел 10 хонаи истиқоматӣ пурра, 2 хона, 1 бунгоҳи тиббӣ, 1 мағоза қисман ва беш аз 2,5 гектар замини хоҷагиҳои деҳқонӣ ва наздиҳавлигӣ зарар диданд.

Бо супориши Роҳбари давлат комиссияи ҳукуматӣ оид ба бартарафсозии оқибатҳои офати табиӣ таъсис дода шуда, барои ба ҷойҳои бехавф кӯчонидани 210 оила, ки дар соҳили дарёи Ғунд зиндагӣ доштанд ва барқарор намудани хонаҳои зарардида чораҳои фаврӣ андешида шуданд. Хотирнишон менамоям, ки оилаҳои аз офати табиӣ зарардида зери назорат ва ғамхории Ҳукумати мамлакат қарор дошта, барои расонидани кумаки саривақтӣ ба аҳолии зарардида ва бартараф намудани оқибатҳои офати табиӣ ҳамаи чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Дар робита ба ин, ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳои он, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ, дигар вазорату идораҳо ва сохторҳои дахлдор супориш дода мешавад, ки бо мақсади пешгирӣ кардани бавуҷудоии офатҳои табиӣ корҳои соҳилмустаҳкамкунию устуворсозии инфрасохторро пурзӯр намуда, нақшаи марҳила ба марҳила аз минтақаҳои хавфнок ба ҷойҳои бехавф кӯчонидани аҳолиро ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар вазорату идораҳои марбутаро зарур аст, ки барои таҳияи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар самти пешгирӣ кардани офатҳои табиӣ, устуворсозии инфрасохтор ва ҷалби маблағҳои иловагӣ аз ҳисоби шарикони рушд тадбирҳои муассир андешанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Хушксолӣ ва камобии пайдарҳам аз мушкилоти дигари имрӯзаи ҷаҳон ба ҳисоб меравад, ки зиндагии мардуми сайёраро, махсусан дар самти таъминот бо маҳсулоти хӯроквори, торафт мушкил гардонида истодааст.

Дар чунин шароит зарур аст, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ диққати аввалиндараҷа дода, бо истифода аз ҳамаи имкониятҳо барои зиёд намудани кишти зироатҳо ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба хотири ҳар чӣ бештар ва дар ҳама фаслҳои сол таъмин кардани бозори истеъмолии дохилӣ кӯшиш намоем.

Ин танҳо дар сурати истифодаи самараноку оқилонаи обу замин, аз ҷумла заминҳои наздиҳавлигию президентӣ ва рӯёнидани чанд ҳосил аз як қитъаи замин, ба даст меояд. Аз ин лиҳоз, роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он, кишоварзон ва тамоми шаҳрвандони кишвар, аз ҷумла сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вазифадоранд, ки ҳар як ваҷаб замини дар ихтиёр доштаашонро самаранок истифода бурда, ҷиҳати бо маҳсулоти босифат таъмин намудани бозори дохилӣ, аҳли оилаи худ ва захира намудани маҳсулоти хӯроквори барои ду сол мунтазам кӯшиш намоянд.

Ҳарчанд ки Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон нисбат ба дигар минтақаҳои мамлакат замини кишоварзии камтар дорад, вале сифати маҳсулоти он, аз қабили чормағз, себ, зардолу, тут, анор ва дигар навъҳои мева, фарқкунанда буда, талабот ба онҳо дар бозорҳои дохилӣ ва берун аз кишвар зиёд мебошад.

Дар баробари ин, таъкид бояд кард, ки бо сабаби кам будани шумораи корхонаҳои коркард ва бандубасти маҳсулоти кишоварзӣ дарёфти бозори фурӯш ҳамчун яке аз мушкилоти асосӣ боқӣ мондааст. Бинобар ин, роҳбарияти вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он бояд якҷо бо вазоратҳои кишоварзӣ, саноат ва технологияҳои нав барои зиёд намудани майдони гармхонаю сардхонаҳои замонавӣ, ташкили корхонаҳои бандубасти маҳсулоти кишоварзӣ ва таъсиси марказҳои логистикӣ чораҳои мушаххас андешанд.

Бояд гуфт, ки бо вуҷуди шароити то андозае мураккаби ҷуғрофӣ вазъи соҳаи кишоварзии вилоят сол ба сол беҳтар гардида истодааст. Рушди соҳаи кишоварзӣ дар 20 соли охир аз ҳисоби афзоиши ҳосили зироатҳои ғалладонагӣ 1,7 баробар, картошка 2,8 баробар, сабзавот 4,2 баробар ва 2,3 баробар зиёд шудани майдони боғҳо таъмин гардидааст. Аммо ба ҳолати нимсолаи якуми соли 2023 дурнамои кишти картошка ҳамагӣ 64 фоиз иҷро шудааст ва зарур аст, ки оянда дар ин самт тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Бори дигар таъкид менамоям, ки роҳбарияти вилоят, шаҳру ноҳияҳо, хоҷагиҳои кишоварзӣ ва тамоми сокинон бояд ҳар як ваҷаб замини кишоварзиро оқилона истифода бурда, бозори истеъмолии вилоятро бо маҳсулоти истеҳсоли худӣ таъмин намоянд.

**Ҳамватанони азиз!**

Афзоиши коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба таъсиси корхонаҳои нави саноатӣ вобастагии калон дорад. Мо метавонем танҳо бо таъсис додани корхонаҳои нави саноатӣ ва таъмин намудани рушди соҳаи кишоварзӣ ба ҳадафҳои стратегии кишвар ноил гардем. Яъне, гузариш аз модели агросаноатӣ ба саноатию аграрӣ, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад, танҳо дар натиҷаи рушди муназзаму устувори соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ имконпазир мебошад.

Қобили таъкид аст, ки Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон имкониятҳои бузурги саноатӣ дорад. Вале бояд гуфт, ки гарчанде шумораи корхонаҳои саноатӣ дар вилоят аз соли 1991 то имрӯз 7 баробар афзуда, аз 13 ба 91 расидааст, бо назардошти имкониятҳои вилоят ва ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар, таъмин намудани сокинон бо ҷойҳои кории доимӣ ва таъмини рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ҳанӯз ҳам кофӣ нест.

Мо саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми стратегӣ эълон намудем, ки дар доираи он дар шаҳру ноҳияҳои кишвар корхонаҳои нави саноатӣ таъсис дода, шаҳрвандонро бо ҷойҳои кории доимӣ таъмин намоем ва вобастагии иқтисодиёти худро аз омилҳои берунӣ коҳиш диҳем.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ, илова ба коҳиш ёфтани шумораи корхонаҳои фаъолияткунанда, нишондиҳандаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилоят нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардидааст. Аз ҷумла, истеҳсоли либосҳои мактабӣ дар ин давра 59 фоиз коҳиш ёфтааст ва сатҳи таъминнокии хонандагон бо либоси мактабии истеҳсоли худӣ ҳамагӣ 1,3 фоизро ташкил намудааст, ки хеле ташвишовар мебошад.

Аз ин лиҳоз, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, роҳбарону мутахассисони вилоят, шаҳру ноҳияҳои он ва вазорату идораҳои дахлдори кишвар вазифадоранд, ки доир ба ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ барои таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд. Дар ин самт, зарур аст, ки махсусан, ба коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, аз ҷумла канданиҳои фоиданок, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, коркарди мармар, мева, дигар маҳсулоти кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниёзи аввал, эътибори аввалиндараҷа дода, суръати баланди рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ таъмин карда шавад.

Дар ин раванд, Бонки миллӣ, «Амонатбонк» ва «Саноатсодиротбонк» бояд ба хотири густариш додани хизматрасониҳои бонкӣ ва пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ, бахусус барои корхонаҳои коркард ва ташкили кластерҳои саноатию агросаноатӣ, тадбирҳои судманд андешанд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Дар даврони соҳибистиқлолӣ бо дастгирии Ҳукумати мамлакат соҳаи энергетика дар кишвар, аз ҷумла дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ба пешравиҳои назаррас ноил гардид. Дар ин давра дар вилоят 24 лоиҳа ба маблағи умумии 1,6 миллиард сомонӣ татбиқ гардида, ҳоло корҳо дар доираи 7 лоиҳа ба маблағи умумии 1,1 миллиард сомонӣ идома доранд.

Ман ҳанӯз соли 1994, замоне ки вазъият дар кишвар бисёр вазнину ҳассос буд, ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сафар намуда, дар ифтитоҳи навбати аввали Нерӯгоҳи барқи обии «Помир-1» бо тавоноии 7 мегаватт шахсан иштирок карда будам.

Тайи солҳои соҳибистиқлолии кишвар дар ҳудуди вилоят беш аз 31 ҳазор киловатт иқтидорҳои нави тавлиди неруи барқ, аз ҷумла нерӯгоҳи офтобӣ дар ноҳияи Мурғоб бо иқтидори 200 киловатт, бунёд гардида, 14 ҳазор киловатт иқтидорҳои мавҷуда таҷдиду азнавсозӣ карда шуданд.

Барои беҳтар намудани таъминоти барқ дар қаламрави вилоят ва афзоиш додани иқтидори содиротии он ҳоло дар ноҳияи Роштқалъа бунёди Нерӯгоҳи барқи обии «Себзор» бо тавоноии 11 мегаватт идома дорад, ки соли оянда агрегати якуми он мавриди истифодабарӣ қарор дода мешавад.

Мо дар ҷараёни сафар бо вазъи корҳои сохтмони ин иншооти муҳим аз наздик шинос шудем ва доир ба сифати корҳо ва суръат бахшидани онҳо дастурҳои зарурӣ додем.

Махсус таъкид месозам, ки иқтидорҳои амалкунандаи истеҳсоли неруи барқ дар ҳудуди вилоят 100 фоиз аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия, яъне «энергияи сабз» мебошанд ва ин масъала дар шароити тағйирёбии босуръати иқлим бисёр муҳим арзёбӣ мегардад. Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида истеҳсоли неруи барқ дар вилоят соли 2022 нисбат ба соли 1993-юм 2,6 баробар зиёд гардидааст.

Имрӯз сатҳи таъминоти аҳолии вилоят бо неруи барқ ба 98 фоиз расидааст, ки дар муқоиса бо солҳои аввали соҳибистиқлолӣ 7,5 баробар зиёд мебошад. Ду фоизи аҳолие, ки ҳоло бо барқ таъмин нест, аз ҳисоби сокинони водии Бартанг ва ноҳияи Мурғоб мебошанд. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҳамагӣ 13 фоизи сокинони вилоят ба барқи 12-соата дар як шабонарӯз дастрасӣ доштанд.

Вобаста ба ин, ба Вазорати энергетика ва захираҳои об, ҶСК «Помир Энерҷӣ» ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон супориш дода мешавад, ки ҳамкориро бо шарикони рушд ва сармоягузорон ҷиҳати бунёди неругоҳҳои хурди барқи обӣ, инчунин, офтобӣ ва бодӣ тақвият бахшида, барои 100 фоиз бо неруи барқи доимӣ таъмин намудани аҳолии вилоят чораҷӯӣ намоянд.

Вазорати энергетика ва захираҳои об, роҳбарияти вилоят ва ҶСК «Помир Энерҷӣ» барои дар муҳлати муқарраргардида ва бо сифати баланд ба анҷом расонидани сохтмони Неругоҳи барқи обии «Себзор» чораҳои зарурӣ андешанд.



**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар зарфи 20 соли охир ба соҳаи маорифи вилоят аз ҳисоби буҷети давлатӣ 1,7 миллиард сомонӣ маблағ равона карда шудааст, ки дар натиҷа, имрӯз заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят хеле мустаҳкам ва шумораи муассисаҳою фарогирии хонандагон ба таври назаррас беҳтар гардидааст. Танҳо дар соли 2023 барои рушди соҳаи маорифи вилоят 202 миллион сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли гузашта 19 фоиз ва нисбат ба соли 2005-ум 13 баробар зиёд мебошад.

Вале бояд гуфт, ки гарчанде имрӯз дар вилоят 26 муассисаи томактабӣ ва 216 маркази инкишофи кӯдак фаъолият мекунад, ин шумора барои фарогирии кӯдакон бо таҳсилоти томактабӣ ҳанӯз кофӣ нест. Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар ҳудуди вилоят 192 муассисаи таълимӣ барои қариб 84 ҳазор хонанда ба маблағи 350 миллион сомонӣ бунёд гардида, кор дар ин самт идома дорад.

Мо дар ҷараёни сафари кории навбатии худ ба вилоят як қатор муассисаҳои соҳаи маориф, аз ҷумла дар шаҳри Хоруғ биноии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 8 барои 1280 хонанда, биноии маъмурии шуъбаи маориф, боғчаи бачагона барои 200 ҷой ва маркази таҳсилоти иловагӣ дар ноҳияи Ванҷ ва як мактаби навбунёд – муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 1 барои 1680 ҷойи нишастро дар ноҳияи Дарвоз ифтитоҳ намудем. Илова бар ин, сохтмони биноии муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 1280 хонанда дар ноҳияи Роштқалъа, ду муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 2080 хонанда дар ноҳияи Ишкошим ва як кӯдакистон дар ноҳияи Рӯшон бомаром идома доранд.

Дар натиҷаи дастгириҳои соҳаи маорифи вилоят сатҳу сифати таълими хонандагон мунтазам беҳтар гардида, шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дохилшуда ҳар сол зиёд гардида истодааст.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ 39 ҳазор нафар ҷавонони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла 3200 нафар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи кишварро хатм намудаанд. Аз соли 1997 то соли 2023-юм 3595 нафар хатмкардагони мактабҳои вилоят (1901 духтар ва 1694 писар) ба ихтисосу равияҳои омӯзгорӣ, тиббӣ, фарҳанг, варзиш, энергетика, техникаю технология ва кишоварзии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар тибқи Квотаи президентӣ дохил шудаанд. Ҳоло 653 нафар ҷавонони вилоят (351 духтар ва 302 писар) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат бо Квотаи президентӣ таҳсил карда истодаанд.

Илова бар ин, «Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025» дар вилоят то имрӯз 49 фоиз иҷро шудааст, ки нишондиҳандаи хуб мебошад.

Бо мақсади фароҳам овардани шароити боз ҳам беҳтар барои хонандагон ба роҳбарияти вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он супориш дода мешавад, ки якҷо бо Вазорати маориф ва илм ва дигар сохторҳои дахлдор раванди сохтмони муассисаҳои соҳаи маорифро таҳти назорати доимӣ қарор дода, барои сари вақт ва бо сифати баланд ба анҷом расонидани онҳо чораҷӯӣ намоянд.

Ҳамчунин, зарур аст, ки доир ба бартараф намудани норасоии кадрҳои омӯзгорӣ тадбирҳои фаврӣ ва мушаххас андешида шаванд. Бо назардошти дар муассисаҳои таълимӣ фаъолият доштани омӯзгорони ғайриихтисоси фаннӣ, ғайрипедагогӣ ва нафақахӯрон эҳтиёҷот ба кадрҳои педагогӣ дар миқёси вилоят 389 нафарро ташкил медиҳад. Аз ҷумла дар ноҳияи Ишкошим 87 нафар, Дарвоз - 64, Роштқалъа - 58, Шуғнон - 49, Мурғоб - 47, Рӯшон - 41, шаҳри Хоруғ - 28 ва Ванҷ 15 нафар омӯзгори ғайриихтисос ва нафақахӯр фаъолият мекунанд.

Таъкид менамоям, ки ҳар чӣ зудтар бартараф намудани ин камбудӣ вазифаи Вазорати маориф ва илм, роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо мебошад.

Бо назардошти аҳамияти бузурги масъалаи ҳифзи саломатии аҳолӣ дар замони соҳибистиқлолӣ дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат дар ҳудуди вилоят 146 муассисаи тиббии нав бунёд карда шудааст. Танҳо дар доираи нақшаи чорабиниҳои корҳои ободонию созандагӣ ба ифтихори Ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар вилоят бо маблағи беш аз 216 миллион сомонӣ 58 муассисаи тандурустӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Тибқи нақшаи чорабиниҳои тасдиқшуда ба муносибати 35-солагии Ҷашни Истиқлолияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бунёду азнавсозии боз 72 иншооти соҳа ба маблағи беш аз 170 миллион сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Танҳо дар дуюним соли охир барои сохтмон ва таъмиру азнавсозии муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилоят беш аз 49 миллион сомонӣ, аз ҷумла 31 миллион сомонӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ, ҷудо гардида, муассисаҳои зикршуда ба маблағи 53 миллион сомонӣ бо асбобу таҷҳизоти тиббӣ ва доруворӣ таъмин карда шудаанд.

Ҳоло муассисаҳои тандурустии вилоят бо 60 нақлиёти ёрии таъҷилии тиббӣ таъмин буда, танҳо дар се соли охир барои онҳо 14 воситаи нақлиёти тиббии ҳозиразамон харидорӣ ва дастрас карда шудааст.

Дар натиҷаи амалисозии сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати мамлакат дар самти ҳифзи саломатии аҳолӣ нишондиҳандаи фавти кӯдакони синни то яксола аз 36,4 нафари соли 1990 ба 8 нафар дар соли 2022 коҳиш ёфтааст.

Нишондиҳандаи фавти модарон ҳангоми таваллуд дар нимсолаи якуми соли 2023 ба қайд гирифта нашудааст. Аз соли 1991 то инҷониб аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар муассисаҳои таҳсилоти олии тиббии кишвар 1200 нафар ҷавонон, аз ҷумла 419 нафар тибқи Квотаи президентӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Дар ин давра 976 нафар донишҷӯ муассисаҳои мазкурро хатм кардаанд, ки 233 нафари онҳо тибқи Квотаи президентӣ мебошанд.

Ҳоло аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар муассисаҳои таҳсилоти олии тиббии кишвар 295 нафар донишҷӯ, аз ҷумла 175 нафар тибқи Квотаи президентӣ таҳсил доранд.

Ҳамзамон бо ин, қариб 900 нафар корманди соҳаи тибби вилоят ба таҳсилоти баъдидипломӣ равон карда шудаанд, ки ин ба беҳтар гардидани сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ мусоидат менамояд. Танҳо дар се соли охир коллеҷҳои тиббии кишварро 474 нафар ҷавони вилоят хатм кардаанд ва ҳоло боз 853 нафар дар муассисаҳои мазкур таҳсил карда истодаанд. Аммо ин нишондиҳандаҳо ҳанӯз ҳам кофӣ нестанд.

Ба роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он зарур аст, ки якҷо бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ минбаъд низ дар самти беҳтар намудани шароити муассисаҳои тиббӣ, бо таҷҳизоту технологияи муосир таъмин кардани онҳо ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд.

Роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он бояд бо истифода аз мавзеъҳои табобатӣ ва обҳои шифобахш якҷо бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи рушди сайёҳӣ ва дигар вазорату идораҳои марбута барои ба талаботи муосир мутобиқ гардонидани истироҳатгоҳу табобатгоҳҳо ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ дар онҳо чораҳои зарурӣ андешанд.

Ҳамзамон бо ин, роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он якҷо бо вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, саноат ва технологияҳои нав барои таъмин намудани рушди саноати дорусозӣ ва ташкили корхонаҳои коркарди гиёҳҳои шифобахш чораҳои мушаххасро амалӣ намоянд.

Илова бар ин, бояд гуфт, ки тибқи қарори дахлдори Ҳукумати мамлакат доир ба таъин ва пардохти кумакпулии унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат дар се соли охир дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба 24 ҳазор оила қариб 9 миллион сомонӣ ва дар асоси дигар қарори Ҳукумати Тоҷикистон дар бораи пардохти кумаки яквақта ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ба 7450 оила дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 4,5 миллион сомонӣ кумаки яквақтаи давлатӣ пардохта шудааст.

**Ҳамватанони азиз!**

Чунонки дар оғози суханронии худ хотирнишон намудам, рушди ҳамаҷонибаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва боз ҳам беҳтар гардонидани шароити зиндагии сокинони он зери таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Тавре ки имрӯз мушоҳида мегардад, дар натиҷаи сохта, ба истифода додани иншооти таъиноти гуногун шаҳру ноҳияҳои вилоят то дурдасттарин деҳоти он рӯз ба рӯз ободу зебо гардида истодаанд.

Бо ин мақсад дар давоми солҳои истиқлолият аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ танҳо ба соҳаи сохтмони вилоят 5,3 миллиард сомонӣ маблағ равона гардида, 1465 иншооти иҷтимоию иқтисодӣ бунёд ва азнавсозӣ карда шудааст. Аз ҷумла, дар панҷ соли охир дар доираи нақшаи чорабиниҳо оид ба ҷашнгирии 30-солагӣ ва 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ танҳо дар шаҳри Хоруғ 143 иншооти гуногун, ки симои маркази вилоятро куллан дигар кардааст, сохта ба истифода дода шудаанд.

Дар шаҳри Хоруғ дар доираи сафари имрӯза боз 16 иншооти нав, аз ҷумла 9 корхонаи саноатӣ, ба истифода супорида шуд.

Танҳо дар соли 2022 бо ин мақсад 623 миллион сомонӣ маблағ равона карда шудааст, ки нисбат ба соли 2000-ум 53 баробар зиёд мебошад. Дар нимсолаи аввали соли 2023 ин нишондиҳанда ба 539 миллион сомонӣ баробар гардида, дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта 2,4 баробар афзоиш ёфтааст. Ҳамчунин, тайи даврони истиқлолияти давлатӣ дар мавзеъҳои наздисарҳадии вилоят ба маблағи беш аз 315 миллион сомонӣ 43 иншооти сарҳадӣ бунёд карда шудааст ва то охири соли равон боз 26 иншооти сарҳадӣ ба истифода дода мешавад.

Корҳои ободонию бунёдкорӣ дар вилоят минбаъд низ идома дода мешаванд ва бо итминон ибрoз медорам, ки солҳои оянда симои шаҳру ноҳияҳои вилоят ба куллӣ тағйир хоҳад ёфт.

Ба раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он супориш дода мешавад, ки якҷо бо роҳбарони гурӯҳҳои корӣ оид ба корҳои ободонию бунёдкорӣ иҷрои нақшаи чорабиниҳои пешбинишударо вобаста ба сохтмон ва азнавсозии иншооти ба нақша гирифташуда пайваста зери назорат қарор дода, барои дар муҳлатҳои муайяншуда ва бо сифати баланд супоридани онҳо чораҷӯӣ намоянд.

Ман ҳангоми сафар ба шаҳру ноҳияҳои кишвар ҳамеша хотиррасон менамоям, ки корҳои ободонию бунёдкорӣ, пеш аз ҳама, бояд бо назардошти таъсиси корхонаю коргоҳҳои истеҳсолӣ, иншооти иҷтимоӣ, ташкили ҷойҳои кории нав, бунёди инфрасохтори зарурӣ, бо санъати баланди меъморӣ бунёд намудани биноҳо ва дар ин раванд баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ равона карда шаванд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Чунонки ҳар яки шумо мушоҳида мекунед, ободию пешрафте, ки дар кишвар, аз ҷумла дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон рӯз ба рӯз вусъат гирифта истодааст, дар навбати аввал, ба шарофати сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ таъмин гардида истодааст. Бинобар ин, ҳифз кардану эҳтиёт намудани ин неъмати зиндагӣ ва риояи қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ вазифа ва қарзи шаҳрвандии ҳар яки мо мебошад.

Тавре ки аз таҳлилҳо бармеояд, дар вилоят вазъи риояи қонун тадриҷан муътадил гардида, тайи вақтҳои охир коҳиш ёфта истодааст. Вале бояд гуфт, ки вазъи нашъамандӣ ва гирифторшавӣ ба бемории вируси норасоии масунияти одам ҳоло ҳам нигаронкунанда мебошад.

Дар зарфи панҷуним соли охир дар ҳудуди вилоят 1076 килограмм маводи мухаддир мусодира гардида, нисбат ба 206 нафар 158 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст ва аз ин шумора 95 парванда нисбат ба 152 нафар ба суд ирсол гардидааст.

Дар вилоят вазъи риояи қонунгузории замин, ҷинояткорӣ аз ҷониби ноболиғону ҷавонон ва пардохти ҳаққи барқи истифодашуда низ то ҳанӯз ташвишовар аст.

Солҳои 2018 – 2022-юм ва нимсолаи аввали соли ҷорӣ нисбат ба 91 нафар вобаста ба ишғоли худсаронаи замин ва сохтмони худсарона парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шудаанд, ки аз ин шумора 11 парванда оид ба ҷинояти хусусияти коррупсионидошта мебошад.

Дар ин давра 243 нафар шахси мансабдор ба ҷавобгарии интизомӣ кашида, нисбат ба 880 нафар парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст. Тайи панҷ солу шаш моҳи охир дар самти қонуншиканӣ аз ҷониби ноболиғону ҷавонон 940 нафар ба ҷавобгарии интизомӣ, 421 нафар ба ҷавобгарии моддӣ кашида шуда, нисбат ба 1018 нафар парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст.

То охири нимсолаи аввали соли ҷорӣ қарздорӣ аз қувваи барқи истифодашуда дар ҳудуди вилоят 14 миллион сомониро ташкил кардааст, аз ин ҳисоб қариб 4 миллион сомонӣ ба аҳолӣ, 4 миллиону 640 ҳазор сомонӣ ба ташкилоту корхонаҳои буҷетӣ ва беш аз 5,5 миллион сомонӣ ба корхонаҳои ғайрибуҷетӣ рост меояд. Дар натиҷаи чораҳои андешидаи мақомоти дахлдор аз маблағи умумии зикршуда 2 миллиону 660 ҳазор сомонӣ рӯёнида шудааст.

Бо дарназардошти вазъи зикргардида, роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо, фаъолон, масъулони соҳаи маориф, аҳли зиё ва падару модарон доир ба пешгирӣ кардани ҳама гуна қонуншиканию ҷинояткориҳо ва таъмин намудани волоияти қонун тадбирҳои мушаххас ва қатъӣ андешанд.

Бо истифода аз фурсат, мехоҳам боз як нуктаи дигарро хотирнишон намоям. Дар давоми панҷуним соли охир, яъне солҳои 2018 - 2022 ва нимсолаи аввали соли 2023, шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон нақшаи даъвати ҷавононро ба хизмати ҳарбӣ дар рӯзҳои нахустини маъракаи мазкур барзиёд иҷро карданд, ки барои бисёр шаҳру ноҳияҳои дигар намунаи ибрат мебошад. Аз ин лиҳоз, ба сокинони вилоят барои чунин фаъолнокӣ ва ҳисси баланди ватандӯстӣ изҳори сипос менамоям.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо доштани кӯҳҳои осмонбӯс, гиёҳҳои шифобахш, чашмаҳои табобатӣ, мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ, олами нотакрори наботот ва ҳайвоноти нодир, дарёҳо ва кӯлҳои беназир, пиряххҳои калонтарин ва қуллаҳои баландтарин дар минтақа ва ҷаҳон, инчунин, таъриху фарҳанги қадимаи миллӣ ва суннату анъанаҳои бою рангоранги худ яке аз маконҳои асосии ҷалби сайёҳони дохилию хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Вале имкониятҳои вилоят дар ин самт то ҳанӯз ба таври кофӣ истифода намегарданд, ки ин аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор, роҳбарияти вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он андешидани чораҳои заруриро тақозо менамояд.

Тибқи маълумоти оморӣ, соли 2021 ба вилоят 3013 нафар, соли 2022-юм 8090 нафар ва дар нимсолаи аввали соли равон 4800 нафар сайёҳони хориҷию дохилӣ омадаанд. Ҳарчанд ки шумораи онҳо афзуда истодааст, аммо бо назардошти имкониятҳои вилоят ҳанӯз хеле кам аст. Вобаста ба ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадор карда мешаванд, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи рушди сайёҳӣ, шарикони рушд ва дигар вазорату идораҳои дахлдор доир ба ташкили инфрасохтори сайёҳӣ ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Вазъи ҷаҳони муосир ба ҳар яке аз ҳамватанони мо, аз ҷумла сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ба хубӣ маълум аст. Илова ба мушкилоте, ки мардуми дунё дар натиҷаи низоъҳои сиёсию низомӣ ва таҳримҳои иқтисодӣ бо онҳо рӯ ба рӯ мебошанд, гармшавии иқлим ва оқибатҳои ногувори он - хушксолию камобии пайиҳам зиндагии мардуми бисёр минтақаю кишварҳои сайёраро боз ҳам мушкилу вазнин сохта истодаанд. Дар чунин шароит мо бояд ба умеди дигарон набошем, худамон бояд заҳмат кашему мушкилоту масъалаҳоямонро худамон бартараф намоем.

Мо бояд бо истифода аз захираю имкониятҳои доштаамон ҳар чӣ бештар маҳсулот истеҳсол кунем ва дар фикри захираи дусолаи маҳсулоти хӯроквори барои ҳар як оила ва омодагӣ ба тирамоҳу зимистони дарпешистода бошем.

Дар ин раванд, боз як нуктаи муҳимтаринро ба мардуми шарифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва махсусан, ба ҷавонони бонангу номуси вилоят хотирнишон ва таъкид менамоям. Мо бояд аз тоҷик будани худ ифтихор дошта бошем ва шукрона кунем, ки яке аз миллатҳои қадимтарини дунё ҳастем, Ватани ободу соҳибихтиёр ва давлати соҳибистиқлол дорем.

Мо ин Ватан ва ин давлатро бо заҳмати аҳлона ва бо иттиҳоду сарҷамъии тамоми фарзандони Тоҷикистон обод месозем, пешрафта мегардонем, чунонки шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро то имрӯз хеле ободу пешрафта гардонидем.

Мо бо кору фаъолияти ватандӯстона ва содиқонаи тамоми афроди бонангу номуси Ватан ҳамаи камбудию мушкилоти зиндагии имрӯзаи халқамонро бартараф месозем.

Вале дар айни замон мо набояд фаромӯш кунем, ки бадхоҳони миллати тоҷик ва душманони давлати тоҷикон ҳоло ҳам аз ниятҳои нопок ва нақшаҳои ғаразноку харобкоронаи худ даст накашидаанд. Бинобар ин, мо бояд ҳушёрию зиракии сиёсиро ҳаргиз аз даст надиҳем, ваҳдати миллии мардумамонро боз ҳам таҳким бахшем, бо назардошти ҳодисаю равандҳое, ки дар минтақа ва ҷаҳон идома доранд, ба ҳимояи сулҳу оромии Ватани азизамон, зиндагии осоиштаи халқамон, суботи сиёсии кишварамон ва амнияти давлатамон омода бошем.

Рушду тараққиёти бомароми Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон минбаъд низ дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат қарор хоҳад дошт ва мо барои боз ҳам ободу зебо гардонидани шаҳру ноҳияҳои вилоят ва дар ин замина баланд бардоштани шароити зиндагии сокинони сарбаланди он ҳамаи тадбирҳои зарурӣро амалӣ менамоем.

Бовар дорам, ки мо ҳама якҷо ва бо заҳмати содиқонаю софдилонаи худ ин минтақаи биҳиштосои кишварамонро боз ҳам обод гардонида, онро ба яке аз гӯшаҳои пешрафтаю зебои Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон табдил медиҳем.

Ман ба ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси гарми ватандӯстию ватанпарастӣ ва садоқати мардуми сарбаланди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон итминони комил дорам ва бо эътимоду дилпурона иброз медорам, ки онҳо дар оянда низ тамоми саъю талоши худро ба хотири ободии Ватани маҳбубамон, пешрафти давлати соҳибистиқлоламон, ҳифзи манфиатҳои миллию давлатиамон ва дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоштани обрӯи Тоҷикистони азизамон сафарбар месозанд.

Бори дигар тамоми сокинони ватандӯсти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шумо – ҳозирини муҳтарамро ба ифтихори Ҷашни 32-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон самимона табрик гуфта, ба ҳар як хонадони мардуми вилоят саломатию хушбахтӣ ва файзу баракат орзу менамоям.

**Ҳамеша саломату сарбаланд бошед!**

Хонандагони азиз, шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.

ОБУНА - 2024

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024 ИДОМА ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА ХОРИҶИ МАМЛАКАТ ХАБАРДОР МЕКУНАД.

НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 196 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»:* с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.

*Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул шуда, пешоҳангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.*


# ДИҚҚАТ ОЗМУН!

## КУМИТАИ ЗАБОН ВА ИСТИЛОҲОТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин озмун эълон менамояд:

**1. Мудири бахши молия ва хоҷагидорӣ – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ аз рӯи ихтисос;

- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», кор бо компютер, донистан ва риоя намудани Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба назар гирифта мешавад;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

Маоши мансабӣ - 1914 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**2. Мутахассиси бахши умумӣ – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», кор бо компютер, донистан ва риоя намудани Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба назар гирифта мешавад;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

Маоши мансабӣ - 1112 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**Аз довталабон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешавад:**

- аризаи шахсӣ ба номи раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона акси андозаи 4х6);

- тарҷумаи ҳол;

- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот (дараҷа ва унвони илмӣ);

- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);

- маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли 038 УЕ);

- нусхаи гувоҳнома дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда;

- эъломия оид ба даромадҳо ва вазъи молумулкии худ;

- нусхаи шиноснома;

- хислатнома аз ҷойи кори қаблӣ;

- маълумотнома аз ҷойи истиқомат;

- маълумотнома оид ба доғи судӣ надоштан;

- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);

- маълумотнома (объективка);

- парванда (лифофа) 1 адад.

**Озмун аз се марҳила иборат аст:**

- марҳилаи якум – омӯзиши ҳуҷҷатҳои довталабон;

- марҳилаи дуюм – гирифтани кори хаттӣ;

- марҳилаи сеюм – саволу ҷавоб бо ҳар як довталаб.

Шахсоне, ки аз марҳилаҳои якум ва дуюм намегузаранд, ба марҳилаи сеюми озмун даъват карда намешаванд ва ҳуҷҷатҳояшон баргардонида мешавад.

**Ҳуҷҷатҳо аз тарафи хадамоти кадрии кумита дар муҳлати 21 рӯз, баъди чопи аввалини эълон, қабул карда мешаванд.**

**Суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод - 25 (бинои Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм», ошёнаи сеюм), индекс: 734013, телефон/факс: 227-59-38, 227-59-28, 227-78-29 почтаи электронӣ: info@kumitaizabon.tj, сомона: www. kumitaizabon.tj**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 417335 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9-и ноҳияи Шаҳринав | Иваз намудани тирезаҳои чӯбин бо тирезаҳои пластикӣ дар муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.08.2023 10:40:00 |
| 2 | 417355 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9-и шаҳри Ваҳдат | Таъмири ҷорӣ дар бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.08.2023 14:30:00 |
| 3 | 417307 | Муассисаи давлатии «Телевизиони «Илм ва табиат» | Хариди таҷҳизоти техникӣ, оташхомӯшкунак ва лавозимот барои компютери фардӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 20 | 28.08.2023 15:30:24 |
| 4 | 417304 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Гӯшти гӯсфанд ва гов | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 07.09.2023 15:20:17 |
| 5 | 417306 | Муассисаи давлатии тандурустии «Маркази солимгардонӣ ва барқарорсозии саломатии маъюбон ва иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 52 | 07.09.2023 15:30:00 |
| 6 | 417308 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №5 ба номи «Офтобак»-и шаҳри Гулистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 33 | 07.09.2023 15:30:00 |
| 7 | 417310 | Муассисаи давлатии «Кӯдакистони президентӣ» дар вилояти Суғд | Сӯзишвории дизелӣ ва бензин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 07.09.2023 16:20:00 |
| 8 | 417312 | Муассисаи давлатии «Кӯдакистони президентӣ» дар вилояти Суғд | Гипохлорити калсий | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 07.09.2023 16:30:00 |
| 9 | 417314 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои маъмурии РАСИН-и вилояти Суғд ва Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар шаҳри Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.09.2023 16:35:00 |
| 10 | 417305 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳо»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Поруи органикӣ ва тухми майса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 07.09.2023 16:46:46 |
| 11 | 417309 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Қисмҳои эҳтиётӣ барои нақлиёти истифодаи умум | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 211 | 07.09.2023 16:56:56 |
| 12 | 417319 | Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббӣ – санитарӣ»-и ноҳияи Айнӣ | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 40 | 07.09.2023 17:22:00 |
| 13 | 417320 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Гулҳои мавсимӣ, блоки берунии системаи VRF ва мизу курсӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 07.09.2023 17:40:40 |
| 14 | 417321 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Компютер, принтер, ноутбук ва веб-камера | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 07.09.2023 17:50:00 |
| 15 | 417322 | Беморхонаи физиотерапевтии вилоятии «Ғулакандоз»-и вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 37 | 07.09.2023 17:58:00 |
| 16 | 417323 | Муассисаи таҳсилоти умумии «Литсей -интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 37 | 07.09.2023 18:45:00 |
| 17 | 417332 | Маҷмааи давлатии «Кохи Борбад»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории фаввораи муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.09.2023 09:30:00 |
| 18 | 417326 | Муассисаи давлатии махсуси умумии асосии «Мактаб - интернати №3»-и шаҳри Душанбе | Маводи мулоим | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 25 | 08.09.2023 10:00:00 |
| 19 | 417327 | Муассисаи давлатии «Раёсати обёрӣ»-и шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагидорӣ ва маводи нарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 08.09.2023 10:00:00 |
| 20 | 417333 | Муассисаи давлатии «Ширхоргоҳ – кӯдакистони №110»-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.09.2023 10:00:00 |
| 21 | 417329 | Муассисаи давлатии «Касри теннис ва маҷмааи варзиши обӣ»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Маводи хокагӣ ва моеъ барои тозакунии ҳавзи шиноварӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 08.09.2023 10:30:00 |
| 22 | 417336 | Муассисаи давлатии «Мудирияти корхонаҳои сохташудаистода»-и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони пул дар км 231+700-и роҳи автомобилгарди Хоруғ - Ишкошим - Тузкӯл | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.09.2023 10:30:00 |
| 23 | 417328 | Муассисаи давлатии «Боғи фарҳангӣ-фароғатии «Ҷавонон»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Либоси махсус, гул, нуриҳои минералӣ, қубур, шланг, маводи рӯзгордорӣ ва молҳои барқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 100 | 08.09.2023 10:50:00 |
| 24 | 417330 | Раёсати хадамоти давлатии оташнишонии шаҳри Душанбе | Маводи хоҷагидорӣ ва инвентари оташнишонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 13 | 08.09.2023 10:50:00 |
| 25 | 417331 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» | Қисмҳои автомобил | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 20 | 08.09.2023 10:50:00 |
| 26 | 417338 | Муассисаи давлатии «Маркази экспертизаи судӣ - тиббӣ»-и шаҳри Хуҷанд | Реагент | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 08.09.2023 10:55:00 |
| 27 | 417347 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар Ҷамоати деҳоти Кангурти ноҳияи Темурмалик» | Таҷҳизот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 08.09.2023 11:50:00 |
| 28 | 417339 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои таълимӣ барои 240 хонанда дар назди МТМУ №9-уми Ҷамоати деҳоти «Ориён»-и ноҳияи Ашт (корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.09.2023 11:50:50 |
| 29 | 417340 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ - корҳои гармидиҳӣ ва ҳавотозакунии қисмати девори ҷанубӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.09.2023 11:50:50 |
| 30 | 417341 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ - корҳои гармидиҳӣ, ҳавотозакунӣ ва танзими ҳаво) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.09.2023 11:50:50 |
| 31 | 417342 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони дидбонгоҳи сарҳадии «Санчидзор» дар шаҳри Конибодом (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.09.2023 11:50:50 |
| 32 | 417343 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавсозии «Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров» (сохтан ва насби маснуоти алоҳидаи осорхонавӣ ва маҳсулоти мебел аз рӯи лоиҳаи инфиродӣ) Марҳилаи 4 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.09.2023 11:50:50 |
| 33 | 417344 | Маъмурияти корхонаҳои сохташудаистодаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд | Корҳои обтаъминкунӣ дар маҳаллаи Чашмаи Арзанаи шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳо) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.09.2023 11:50:50 |
| 34 | 417345 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Гулҳои мавсимӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 08.09.2023 11:50:50 |
| 35 | 417348 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории нақбҳо, шабакаи равшанидиҳӣ ва иншооти чароғакҳои роҳнамо дар роҳҳои автомобилгарди аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта» | Таҷҳизоти электрикӣ, чароғак ва бадани чароғак | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 08.09.2023 13:20:00 |
| 36 | 417349 | Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии шаҳри Душанбе | Мебел, асбоби ташкилию маишӣ, инчунин, асбобу анҷоми лабораторӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 08.09.2023 13:30:00 |
| 37 | 417352 | Муассисаи давалтии «Маркази тиббии шаҳрии №2 ба номи академик К. Тоҷиев» | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.09.2023 13:55:00 |
| 38 | 417353 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Таъмири намои берунаи биноҳои истиқоматӣ, воқеъ дар хиёбони Рӯдакӣ - 106 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.09.2023 14:30:04 |
| 39 | 417354 | Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Товикистон | Корҳои таъмирӣ дар бинои агентӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.09.2023 14:45:00 |
| 40 | 417311 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и ноҳияи Шаҳристон | Тахтаҳои фарш, чӯб, винтҳои худтарафкунӣ, болтҳои анкерӣ ва семент | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 08.09.2023 16:25:00 |
| 41 | 417313 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и ноҳияи Шаҳристон | Дег, қубури пӯлодӣ ва радиатори сексиявӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 08.09.2023 16:27:00 |
| 42 | 417350 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Оиқ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 08.09.2023 16:30:00 |
| 43 | 417346 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 08.09.2023 16:50:50 |
| 44 | 417318 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Рӯшон | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 08.09.2023 19:20:00 |
| 45 | 417325 | Беморхонаи минтақавии Ҷамоати деҳоти Сағирдашти ноҳияи Дарвоз | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 08.09.2023 19:40:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

## ЭЪЛОН!!!

Дар асоси қарори мақоми идоракунии шахси ҳуқуқӣ номгӯи ҶДММ «Кафолат ва дониш» бо РЯМ 0410035551 (онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе додааст), аз санаи 16-уми августи соли 2023 бо қарори муассис ба ҶДММ «Кафолат машварат» тағйир дода шуд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Муҳри гумшудаи Кумитаи иттифоқи кормандони корхонаҳои ғайридавлатӣ, бозорҳо ва дигар шаклҳои хизматрасонӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ эътибор надорад.

✓Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии № 0091683-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 14-уми феврали соли 2014 ба Мирзоалимов Раҳматулло додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшуда, ки онро Техникуми кооперативии шаҳри Душанбе соли 1980 бо ихтисоси «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит» ба Ҳаитова Қурбонгул додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати силсилаи Т-АТУ № 0451804-и гумшуда, ки онро Литсейи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат 17-уми июли соли 2017 ба Бобоев Фирдавс Муродбекович додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари ҳавлии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 87/2, хонаи 22 ба Қурбонзода Фозил Маҳмуд додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи ҳадяи бинои тахти литери 2-1/ хп ва 3-1/ хп-и хонаи истиқоматӣ тахти феҳристи 1Ш – 832, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Валаматзода, бинои 15 санаи 10-уми июли соли 2017 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Д. Барно (собиқ Деповская), бинои тахти литери 2-1/ хп ва 3-1/хп, хонаи 47 ба Сайдуллаев Абубакиржон Расулжон – Угли додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи А 0050938-и гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 13 декабри соли 2014 ба Кулиева Фарзона Анваровна додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи нафақавии №14003-и гумшуда, ки онро Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 14-уми феврали соли 2020 ба Қурбонов Музафар Қаландарович додааст, эътибор надорад.


Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Садои Мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 19 августи соли 2023, соати 08:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34505 нусха*

Навбатдори шумора Ҳ. Тоҳиров

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97